**Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, бинои таълимии 7, синфхонаи 102)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Манучеҳри Нозимии Раҷабзода дар мавзуи “Ташкили баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит)**

Идоракунии самарабахши фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ торафт бештар аз сатҳи таъминоти иттилоотии онҳо вобаста аст. Дар шароити ҳозира аксарияти корхонаҳои парандапарварӣ низоми самарабахши ҳисобдорӣ ва назорати дохилиро ташкил карда натавонистанд, ки роҳбариятро бо маълумоти пурра, саривақтӣ ва эътимоднок таъмин намоянд.

Тавре ки таҷриба нишон медиҳад, корхонаҳои дорои сохтори мураккаби истеҳсолӣ ба иттилооти фаврии иқтисодӣ ва молиявӣ ниёз доранд, ки ба онҳо имкон медиҳанд хароҷот ва натиҷаҳои молиявиро оптимизатсия намуда, қарорҳои асосноки идоракунӣ қабул намоянд. Ин мушкилот бештар дар соҳаи парандапарварӣ дида мешавад, зеро арзиши баланди хурока, ки дар сохтори хароҷот нисбат ба дигар соҳаҳои чорводорӣ ҳиссаи бештарро дорад, боиси баланд шудани арзиши маҳсулоти парранда шуда, дар натиҷа рақобат дар ин соҳаи саноат шадидтар мегардад. Барои таъмини рақобатпазирӣ ва тавсеаи такрористеҳсоли корхонаҳои парандапарварӣ, муайян намудани самти афзалиятноки рушди парандапарварӣ, ташкили идоракунии самараноки ҷараёнҳои истеҳсолӣ, ки истифодаи оқилонаи захираҳои мавҷудаи дохилиро таъмин менамояд, ташкили дурусти баҳисобгирӣ, таҳлил ва назорат ба ҳисоб меравад.

Вале дар давраи кунунии рушди муносибатҳои иқтисодӣ коркарди низоми баҳисобгирӣ ва назорати дохилии чандирӣ, ки ба омилҳои гуногуни фаъолияти хоҷагии кишлоқ мутобиқ мегардад, зарур мебошад. Барои ин бояд таҳқиқоти маҷмуии ҷанбаҳои назариявӣ ва ташкилию методии баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ анҷом дода шавад. Ҳамин тавр, бояд тазаккур дод, ки мавзуи интихобнамудаи Манучехри Н.Р. дар айни замон мубрам ва рузмарра мебошад.

Аз таҳлили автореферат хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки таҳқиқоти диссертационӣ аз ҷониби муаллиф дар сатҳи баланди илмию методӣ анҷом дода шудааст. Саҳми арзандае, ки муаллиф барои рушди баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар

парандапарварӣ гузоштаст, ба ақидаи мо, ин асоснок кардани рисолати дороиҳои биологӣ дар хоҷагии қишлоқ ва таърифи муаллифии дороиҳои биологӣ мебошад (с. 8), инчунин вобаста аз давраҳои иштироки дороиҳои биологӣ дар раванди фаъолияти хоҷагидорӣ ва хусусиятҳои соҳаи парандапарварӣ, аз рӯйи 10 аломат гурӯҳбандӣ карда шудааст.

Мо ба ақидаи муаллиф, ки вобаста аз хусусиятҳои корхонаҳои парандапарварӣ равишҳои гуногунро дар пешбурди баҳисобгирӣ, сиёсати баҳисобгирии корхонаҳо, усулҳо ва воситаҳо (объектҳои баҳисобгирии саршумори паранда, объектҳои баҳисобгирии хароҷоти тағйирёбиҳои биологӣ, нақшаи кории ҳисобҳо, ҳуҷҷатикунонии амалиётҳо, низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳисоботҳо, низоми буҷетикунонӣ, назорати истеҳсол ва фурӯши маҳсулот ва ғ.) истифода намоянд, розӣ мешавем (с. 13).

Пешниҳоди муаллиф доир ба гурӯҳбандии объектҳои баҳисобгирии хароҷот дар парандапарварӣ ва ташкили баҳисобгирии таркибӣ ва таҳлилии хароҷоти тағйирёбиҳои биологӣ дар парандапарварӣ ҷолибияти амалӣ дорад (с. 16). Инчунин, пешниҳоди муаллиф вобаста аз хусусияти соҳаи парандапарварӣ ба ҳисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом» кушодани зерҳисоби 10732 «Парандапарварӣ», ҳамзамон ҳисобҳои таркибӣ ва таҳлилии сатҳи гуногун аҳамияти амалӣ ва методӣ дорад (с.19).

Татбиқи модели буҷетикунонии системаи назорати дохилии таҳия кардаи муаллиф дар корхонаҳои парандапарварӣ (саҳ. 22-23), ки имконияти идоракунии корхона ва зерсохторҳои онро на танҳо аз лиҳози истеҳсолӣ, балки аз ҷиҳати молиявӣ низ фароҳам оварда метавонад, сазовори баҳои мусбат аст.

Тавсияҳое, ки оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар автореферат пешниҳод гардидаанд, аз ҷумла модели ташкили назорати дохилии тағйирёбиҳои биологӣ дар парандапарварӣ, объектҳои баҳисобгирӣ дар парандапарварӣ, кушодани ҳисобҳои таркибӣ, тартиби инъикоси амалиётҳо, модели баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳогузории маҳсулоти асосӣ ва дуюмдараҷаи соҳаи парандапарварӣ ва ғ. бо асолат ва асоснокии хулосаҳову пешнҳодот фарқ мекунанд.

Умуман диссертатсияи Манучеҳри Н.Р. тақиқоти мустақилона анҷомдодашудаи мукаммали илмӣ буда, дар сатҳи баланди назариявию методӣ иҷро гардидааст ва пешниҳоду хулосаҳои асоснокеро дар бар мегирад, ки манфиати илмию амалию доранд.

Дар баробари муваффақиятҳои мууҳимми автореферат, аз ҷониби мо ба таври тавсия пешниҳод мегардад, ки ба назар гирифтани он метавонад аҳаммияти илмӣ ва амлии корро афзун кунад. Аз сабаби он ки мавзуи диссертатсияи унвонҷӯй ба яке аз масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати ҷараёни тагйирёбиҳои биологӣ дар парандапарварӣ бахшида шудааст, ба андешаи мо, муаллиф бояд ба масъалаҳои баҳодиҳии дороиҳои биологӣ бештар диққат медод, зеро он

дақиқии инъикоси арзиши ҳақақии дороиҳои биологии корхонаро дар ҳисоботи молиявӣ таъмин менамояд.

Камбудӣ ва норасоии дар боло қайд карда шуда, ҳамчун пешниҳод барои хуб ва васеъ гаштани доираи таҳқиқот оварда шуда, хусусияти тавсиявӣ дорад ва ба мазмуни асосии диссертатсияи анҷомдодашуда монеа шуда наметавонанд. Автореферат ва мақолаҳои чопшуда сохтори диссертатсияро ба пуррагӣ дар бар мегиранд.

Ҳамин тавр, бояд қайд намоем, ки автореферати диссертатсияи Манучеҳри Н.Р. ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34, 35 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти рақами 267) ҷавобгӯ буда, муаллифи он - Манучехри Нозимии Раҷабзода ба гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит), сазовор аст.

**Мукарриз:**
**Мудири кафедраи менеҷменти**
**Академияи идоракунии давлатии назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Қодирова Г.Т.**

Имзои Қодирова Г.Т.- ро тасдиқ мекунам:

**Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ**
**ва корҳои махсуси АИДНПҶТ** **Зоирхонзода Ф.З.**

27.01.2025с.

(Суроға: 734055, ш. Душанбе, кучаи Саид Носиров 33. АИДНПҶТ
Тел: 88-111-77-41, E-mail: kodirovagulmo68@gmail.com)